В статье рассматриваются режимы работы магистральной распределительной сети 0,4 кВ с распределённой солнечной генерации города Душанбе Республики Таджикистан. Приведены вариации режимов в зависимости от установки распределенной солнечной генерации в начале, середине и конце линии. Установлено, что при размещении солнечной генерации в начале линии потери активной мощности и отклонение напряжения в конце линии будут больше, но при установке солнечных панелей в начале и в конце линии снижение напряжения наблюдается в середине линии. При равномерном распределении нагрузки и солнечной генерации вдоль линии потери мощности и напряжения тоже равномерно распределяются.

Ключевые слова. *оценка, магистральная линия, солнечная генерация, потери активной мощности, качество электроэнергии, распределительная сеть.*

Муқаддима. Иқлими Тоҷикистон барои истифодабарии энергияи Офтоб бисёр мусоид аст. Миқдори рӯзҳои офтобӣ дар ҷумҳурӣ аз 280 то 320 рӯзро дарбар мегирад ва радиатсияи суммавии Офтоб дар як сол аз 280 то 925 МДж/м^2 дар ноҳияҳои доманаи кӯҳӣ ва аз 360 то 1120 МДж/м^2 – ро дар минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳад. Аз рӯи баҳодиҳии мутахассисони соҳа потенсиали энергияи офтобӣ дар Тоҷикистон ҳудуди 25 миллиард кВт/соатро дар як сол ташкил медиҳад [1-2]. Қабули Қонун «Дар бораи истифодаи манбаҳои барқароршавандаи энергия» аз 23 ноябри соли 2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди истифодабарии энергияи тоза такони нав бахшид. Солҳои охир дар ҷумҳурӣ бунёди нерӯгоҳҳои офтобии тақсимшуда дар шабакаҳои барқии шиддаташон 0,4 кВ аз ҳисоби кам шудани арзиши аслии панелҳои офтобӣ ҷорӣ карда мешавад (расми 1). Тавоноии истеҳсоли энергияи офтобӣ дар шиддати 0,4 кВ садҳо киловаттро ташкил медиҳад. Масалан, панелҳои офтобӣ дар таваллудхонаи рақами 1 бо тавоноии 54 кВт ва дар маркази тиббии Қарияи Боло 120 кВт насб шудаанд, ки шумораи чунин неругоҳҳо аз ҳисоби динамикаи камшавии арзиши аслии фотоэлементҳои бо тавоноии муқарраршуда афзоиш меёбад. Дар мақолаҳои илмӣ истифодабарии захираҳои энергияи офтобӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дида баромада шудааст [2-3].

Дар хонаҳои офтобии дорои иқтидорҳои калони насбшуда (зиёда аз 5 кВт), насби батареяҳои аккумуляторӣ ба афзоиши арзиши сохти он дар умум аз сабаби нархи гарон ва муҳлати хизматрасонии кӯтоҳ доштани батареяҳои аккумуляторӣ

оварда мерасонад. Барои дастгоҳҳои иқтидорашон 5 кВт ва аз он зиёдтар барои кори синхронии хонаҳои офтобӣ мувозӣ бо шабакаи барқӣ инверторҳои шабакавӣ истифода бурда мешавад. Кори мувозии хонаи офтобӣ бо шабака имкон медиҳад, ки кори хонаи офтобӣ бидуни насби батареяҳои аккумулятории иловагӣ оптимизатсия (муносиб) карда шавад [3].




Расми 1. Динамикаи тағйирёбии арзиши аслии панелҳои офтобӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ

Аз рӯи график дида мешавад, ки кам шудани арзиши аслӣ ба ҳисоби фоиз аз аввал то охири сол 12,1 % - ро ташкил медиҳад.

Аз тарафи дигар, истифодабарии энергияи офтобӣ боиси кам шудани талафоти тавоноии фаъол ва беҳтар шудани сифати энергияи электрикӣ мегардад [4]. Таваҷҷуҳ ба таъмини сифати энергияи электрикӣ дар шабакаҳои барқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мақолаҳои илмӣ ва илмӣ тадқиқотӣ [7-15] баррасӣ шудаанд. Аммо дар ин корҳо ба баҳодиҳии сифати энергияи электрикӣ бо назардошти истифодабарии тавлиди тақсимшуда дар корҳои номбаршуда эътибори зарурӣ дода нашудааст. Аз ин рӯ, бо мақсади таъмини сифати энергияи электрикӣ ва кам намудани талафоти тавоноии фаъол, баҳисобгирии тавлидоти тақсимшуда дар шабакаҳои тақсимотӣ саривақтӣ мебошад.

Тартиби масъалагузорӣ. Объекти таҳқиқот хати магистралии интиқоли барқи 0,4 кВ дар деҳот ба ҳисоб меравад. Нақшаи электрикии объекти таҳқиқот дар расми 2 нишон дода шудааст.



Расми. 2. ХИБ-и магистралӣ бо хонаҳои офтобӣ пайвастбуда

Параметрҳои ибтидоии элементҳои системаи магистралии хати интиқоли барқ бо хонаҳои офтобӣ дар ҷадвали 1 оварда шудаанд.

Параметрҳои хонаҳои офтобӣ, ки ба шабакаи магистралии 0,4 кВ пайваст мешаванд, дар ҷадвали 2 оварда шудааст [4-5].

Ҷадвали 1

Параметрҳои ХИБ ва трансформатор

№	Тамға	Ro, Ом/км	Xo, Ом/км
1	А-120	0.258	0.06
2	А-70	0.413	0.06
3	А-25	1.24	0.06
4	ТМ-400/10	3.43*	2.14*

* Муқовимати трансформатори ТМ-400/10 ба тарафи печи баланд оварда шудааст.

Шумораи хонаҳои бе панелҳои офтобӣ дар се китъа 33 - то ва хонаҳои истеҳсоли офтобӣ 12 донаро ташкил медиҳад.

Ҷадвали 2

Параметрҳои ХИБ ва трансформатор

№	Бор		Неругоҳҳои офтобӣ		Шумора
	$P_{ном}$, кВт	cosφ	$P_{ном}$, кВт	cosφ	
1	6	0,948			32
2			9	0,913	12

Параметрҳои хатҳои интиқоли барқи ҳавоӣ бо назардошти дарозии воқеӣ ба таври зерин муайян карда мешаванд [2-3]:

$$X_{ij} = \left(\frac{X_o}{1000}\right) \cdot l_{ij} = \left(\frac{0,06}{1000}\right) \cdot 28 = 0.00168 Ом$$

$$R_{ij} = \left(\frac{R_o}{1000}\right) \cdot l_{ij} = \left(\frac{0.258}{1000}\right) \cdot 28 = 0.007224 Ом$$

ки дар инҷо, l_{ij} - дарозии воқеии қитъаи шабакаи магистралӣ.

Хати интиқоли барқии радиалӣ вобаста ба буриши ноқил аз се қитъа иборат мебошад: қитъаи якум А-120мм^2 бо дарозии 280 м, қитъаи дуюм А-70мм^2 ва қитъаи сеюм А-25мм^2. Параметрҳои хати интиқоли барқи ҳавоӣ бо назардошти дарозии воқеии қитъаҳо мувофиқи расми 2 дар ҷадвали 3 оварда шудаанд [5].

Ҷадвали 3

Параметрҳои ҳисобии ХИБҲ

Рақами қитъаҳо	R_{ij}, Ом	X_{ij}, Ом	Тамға	Дарозӣ, м
1-13	0,07224	0,00168	А-120	28
13-23	0,00908	0,00132	А-70	22
23-32	0,01736	0,00084	А-25	14

Трансформатори навъи ТМ-400/10, ки дар аввали ХИБ гузошта шудааст, тағйирдиҳии бидуни ангезиш дошта, имконияти танзимкунии шиддат дар ҳудуди ±5% аз қимати номиналиро дорад. [4-6].

Ҳангоми таҳлили реҷаи кории объекти таҳқиқот соддакуниҳои зерин истифода бурда мешавад:


- шиддати ғайрисимметрӣ ба назар гирифта намешавад;
- талафоти доимии трансформатор ба назар гирифта намешавад;

- ташкилдиҳандаи арзии майлкунии шиддати ХИБ-и ҳавоӣ ба назар гирифта намешавад;

- ҳангоми моделикунонии бор қабул карда мешавад, ки он аз тағйирёбии басомад ва шиддат вобаста нест;

- ҳисоб танҳо дар реҷаи бори зиёдтарин анҷом дода мешавад.


Реҷаи кории хати интиқоли барқи ҳавоии (ХИБҲ) магистралӣ бе энергияи офтобӣ. Дар ин реҷа ҳисоби реҷаи муқарраршудаи бори зиёдтарин дар барномаи комплексии "RastrWin3" ҳангоми дар шабака мавҷуд набудани неругоҳи офтобӣ (солнечная генерация) иҷро карда мешавад. Ҳамаи хонаҳо бо гиреҳи борҳои доимӣ нишон дода мешаванд.



Расми 3. Модели гиреҳи борҳои доимӣ

Объекти баррасишаванда аз 33 гиреҳ (33 гиреҳи асосӣ) ва 31 шоха иборат аст.

Дар асоси натиҷаҳои ҳисоби реҷаи бори зиёдтарин натиҷаҳои асосӣ ба даст оварда шуданд.



а) б)

Расми 4. Тағйирёбии а)-шиддат аз рӯи гиреҳҳо, б) афтиши шиддати қитъаҳо.

Афтиши кағҳатаи шиддат аз ҳисоби дар як хати магистралӣ истифода бурдани сето буриши гуногун: дар қитъаи якум А-120мм^2, қитъаи дуюм А-70мм^2 ва қитъаи сеюм А-25мм^2 характери аррамонанд дорад. Афтиш ва тағйирёбии шиддат дар ин реҷа характери муқаррарӣ дорад. Шиддат ҳама вақт дар аввали ХИБ-и магистралӣ нисбат ба охири он баланд аст.


Талафоти тавоноии фаъол 14% ва ғайрифаъол 9,06% аз тавоноии умумии истеъмолшавандаро дар гиреҳи асосӣ ташкил медиҳад. Қиматҳои талафоти тавоноӣ ва шиддат дар ҷадвали 4 нишон дода шудааст.

Ҷадвали 4

Талафоти умумии тавоноӣ ва шиддат


№	ΣdP, кВт	ΣdQ, кВар	ΣdV, %
1	31,43	6,37	22,59

Реҷаи кории ХИБ-и магистралӣ бо неругоҳи офтобӣ дар охири хат ҷойгир аст. Дар ин реҷа, як қисми истеъмолкунандагон дар охири хати интиқоли барқ бо неругоҳи офтобӣ моделсозӣ карда мешавад. Модели чунин гиреҳи бор дар расми 5 нишон дода шудааст.




Расми 5. Моделсозии истеъмолкунанда бо бор ва истеҳсол

Мувофиқи натиҷаи ҳисобҳои дар ин реҷа гузаронидашуда шиддат дар аввал ва охири хат нисбат ба мобайни хат баландтар аст (расми 6).



Расми 6. Тағйирёбии шиддат дар қад-қади хати магистралии 0,4 кВ

Дар мобайни ХИБ пастшавии шиддат хеле зиёд мушоҳида карда мешавад.



а) б)

Расми 7. Тағйирёбии а)- афтиши шиддат, б) майлкунии шиддат дар гиреҳҳо

Талафоти умумии тавоноии фаъол 2,39% ва ғайрифаъол 2,71% - ро ташкил медиҳад. Пас аз дар ҳар як хона гузоштани панелҳои офтобӣ талафоти тавоноӣ қариб 7 баробар кам шудааст. Сабаби кам шудани талафоти тавоноӣ борфурории трансформатори қуввагӣ ва борфурорӣ аз аввали хати ҳавоӣ то ба аввалин хонаи офтобӣ аз тавоноии фаъол ва ғайрифаъол мебошад.


Қиматҳои талафоти тавоноӣ ва шиддат дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

Ҷадвали 5

Талафоти умумии тавоноӣ ва шиддат


№	ΣdP, кВт	ΣdQ, кВар	ΣdV, %
1	2,39	0,41	5,72

Реҷаи кории ХИБҲ - и магистралӣ бо неругоҳи офтобӣ дар тамоми дарозии роҳ баробар вокеъ гардидааст. Дар ин реҷа, ҳамчун пешниҳод, реҷаи оптимизатсияи истеҳсоли тақсимшудаи хонаҳои офтобӣ дар хати магистралии баррасишаванда баррасӣ мешавад. Мувофиқи натиҷаҳои ҳисобкунӣ дар ин реҷа афтиши шиддат аз аввал то охири хат баробар тақсим мешавад.



Расми 8. Тағйирёбии майлкунии шиддат дар се ҳолат:
dV1-бе неругоҳи офтобӣ, dV2- неругоҳи офтобӣ дар охири хат ҷойгир шудааст,
dV3- неругоҳи офтобӣ баробар тақсим шудааст.

Аз рӯи натиҷаҳои ҳисобкунӣ майлкунии шиддат ҳангоми тақсимоти оптималии неругоҳи офтобӣ аз гирехи №10 сар карда то охири гирех баробар тақсим мешавад.




Расми 9. Талафоти тавоноии фаъол дар қитъаҳо:

dP1- бе неругоҳи офтобӣ, dP2- неругоҳи офтобӣ дар охири хат ҷойгир шудааст, dP3- неругоҳи офтобӣ баробар тақсим шудааст


Талафоти тавоноӣ ҳангоми нобаробар тақсимоти неругоҳи офтобӣ дар хати интиқоли барқи ҳавоӣ кам мешавад.

Талафоти тавоноии ғайрифаъол ҳангоми тақсимоти оптималии хонаҳои офтобӣ, ки зариби тавоноии онҳо 0,913 – ро ташкил медиҳад, аз ҳисоби тавоноии ғайрифаъоли инвертерҳо ба меъёр дароварда мешавад, ки ин инверторҳо бо шабака ҳамоҳанг (ҳамзамонӣ) карда мешаванд.



Расми 10. Талафоти тавоноии Қитъаҳо фаъол дар қитъаҳо

dQ1- бе неругоҳи офтобӣ, dQ2- неругоҳи офтобӣ дар охири хат ҷойгир шудааст, dQ3- неругоҳи офтобӣ баробар тақсим шудааст




Расми 11. Тағйирёбии афтиш $_{\text{Қитъаҳо}}$ ҷат дар се ҳолат:

DV1- бе неругоҳи офтобӣ, DV2- неругоҳи офтобӣ дар охири хат ҷойгир шудааст, DV3- неругоҳи офтобӣ баробар тақсим шудааст


Ҳангоми тақсимоти оптималии истеҳсоли тавоноии фаъол ва ғайрифаъоли хонаҳои офтобӣ афтиши шиддат аз қитъаи №16 сар карда то №32 шакли аррамонанд дорад, ки ба тағйирёбии шиддат дар гирехҳо таъсири мусбӣ мерасонад.

Тақсими оптималии неругоҳи офтобӣ дар гирехҳо ба камшавии тавоноии фаъол таъсир мерасонад. Дар мавриди якум талафоти нисбии тавоноӣ 14,08 %, дар мавриди дуюм 2,95 % ва дар мавриди сеюм 2,34 % - ро ташкил дод. Талафоти тавоноӣ хангоми дар охири хат насб кардани хонаҳои офтобӣ назар ба талафоти дар мавриди аввал 7,6 % кам мешавад.


Пас аз оптимизатсия, талафоти умумии тавоноии фаъол, нисбат ба ҳолати аввал 6,3% кам мешавад.



Расми 12. Тағйирёбии талафоти умумии тавоноии фаъол ҳангоми тағйир додани ҷойи ҷойгиршавии неругоҳи офтобӣ



Расми 13. Тағйирёбии талафоти умумии нисбии тавоноии фаъол ҳангоми тағйир додани ҷойи ҷойгиршавии неругоҳи офтобӣ



Расми 14. Талафоти тавоноии фаъол ҳангоми тағйир додани ҷойи ҷойгиршавии неругоҳи офтобӣ бо фоиз

Хулосаҳо:

- Истифодаи хонаҳои офтобӣ дар маҷмуъ талафоти тавоноиро коҳиш медиҳад ва қимати шиддатро дар гирехҳое, ки онҳо пайваст мешаванд, афзоиш медиҳад.

- Ҳангоми неругоҳи офтобӣ дар охири хати магистралӣ ҷойгир будан, афтиши шиддат дар мобайни хат зиёд мешавад, ки ин боиси бад шудани қимати тағйирёбии сусти шиддат дар ин нуқтаҳо мегардад.

- Ҳангоми васл намудани неругоҳи офтобӣ, барои баробар тақсим шудани шиддат дар хати магистралӣ, лозим аст, ки ҳудуди танзимкунии шиддати инверторҳои шабакавӣ ҷур карда шавад.

Адабиёт

1. Экспресс-оценка и анализ пробелов КРАТКОЕ РЕЗЮМЕ 2011 г министерство энергетики и водных ресурсов Таджикистана. С. 35.

2. Шохзода Б.Т. Исследование потенциала солнечной энергии в Таджикистане // Б.Т. Шохзода, Ш.Дж. Джураев // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. 2019. №1 (45). С.27-35.

3. Шохзода Б.Т. Энергоснабжение сотовой базовой станции за счет солнечной энергии / Шохзода Б.Т., Назиров Х.Б., Каримов Д.Х., Маджидов А.Ш. // Вестник Таджикского технического университета. 2015.№4 (32). С.57-61.

4. Шведов Г.В. Методика управления генерацией солнечных батарей по критерию минимизации относительных потерь электроэнергии в электрических сетях/ Г.В. Шведов, С.Р. Чоршанбиев, Ш.Д Джураев // Вестник Московского энергетического института. 2019. № 1. С. 20-28.

5. Феодоров А.А., Старкова Л.Е. Учебное пособие для курсового и дипломного проектирования по электоснабжению промышленных предприятий: Учеб. Пособие для вузов. –М.:Энергоатомиздат, 1987. С. 368.

6. Тульский В.Н. Исследования влияния регулирование напряжения на потребления и потерь электроэнергии в распределительных сетях 10-0,4 кВ // В.Н. Тульский, Х.Б. Назиров // Вестник Таджикского технического университета. 2012.№3(19). С.57-61

7. Амирханов А.С. Оценка результатов моделирования распределение высших гармоник тока в системе электроснабжения алюминиевого завода /

А.С. Амирханов, М.М. Камолов, Х.Б. Назиров, С.Т. Исмоилов, Ш.Д. Джураев // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. 2019.№2(46).С.14-20.

8. Камолов М.М. Экспериментальная оценка качества электрической энергии современных коммунально - бытовых и офисных электроприемников / М.М. Камолов, Х.Б. Назиров, С.Т. Исмоилов, Ш.Д. Джураев, А.С. Амирханов // Политехнический вестник. Серия: Инженерные исследования. 2019.№2(46).С.26-33.

9. Инструментальная оценка качества электроэнергии в энергосистеме Республики Таджикистан/Ю. В. Шаров, В. Н. Тульский, Ш. Дж. Джураев и др. // В сб. тр. Межд. науч.- практ. конф., 23-25 ноября 2016 г. -М.: МЭИ, 2017. С. 219-226.

10. Тульский В.Н. Современное состояние и перспективы обеспечения качества электроэнергии в электрических сетях открытой акционерной холдинговой компании "Барки Точик" / В.Н. Тульский, Х.Б. Назиров, Ш.Дж. Джураев, Б.Дж. Иноятов // Вестник МЭИ. 2018. №1. С. 34-40.

11. Тульский В.Н. Анализ результатов моделирования распределения высших гармоник тока в электрических сетях Республики Таджикистан / В.Н. Тульский, Ш.Д. Джураев, Валянский А.В., Султонов Ш.М. / Энергетик. 2018. № 7. С. 44-50.

12. Shokhin D. Dzhuraev, Vladmir N. Tulsky, Andrey V. Valianskii, Hamdy M. Sultan, Bekhruz J. Inoyatov. Analysis of the Results of Higher Harmonic Modeling in the Electric Networks of the Republic of Tajikistan with Various Voltage Levels // IEEE Conference of Russian Young Researchers in Electrical and Electronic Engineering, IEEE Russia North West Section. - January 29 - February 01, 2018. - Saint Petersburg, Electrotechnical University «LETI», St. Petersburg, Russia: 2018. Section 7.- P. 616 - 621.

13. Джураев Ш.Дж., Султонов Ш.М. Обеспечение качества электрической энергии в энергосистемах, содержащих нелинейную нагрузку // Политехнический вестник. Серия Инженерные исследования. №1 (41)-2018-С.20-33.

14. Tulsky V.N. [and others]. Study and Analysis of Power Quality of Electric Power System. Case Study: Republic of Tajikistan / IEEE Conference of Russian Young Researchers in Electrical and Electronic Engineering, IEEE Russia North West Section. January 29 - February 01, 2018. Saint Petersburg Electrotechnical University «LETI», St. Petersburg, Russia: 2018. Section 7. Pp. 837-843.

15. Inoyatov B.D., Raseel A., Tulsky V.N., Dzhuraev S.D. Power Quality Monitoring as a Tool for Phase Conductors Diagnostics // В сборнике: Proceedings of the 2019 IEEE Conference of Russian Young Researchers in Electrical and Electronic Engineering, ElConRus 2019. 2019. С. 973-976.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Назиров Хуршед Бобохоҷаевич – номзади илмҳои техникӣ, мудири кафедраи “Электроэнергетикӣ“ – и Филиали Донишкадаи энергетикии Москва дар ш.Душанбе, e-mail: hurshed-84@mail.ru

Ҷӯраев Шоҳин Ҷӯраевич – номзади илмҳои техникӣ, саромӯзгори кафедраи “Электроэнергетикӣ“ – и Филиали Донишкадаи энергетикии Москва дар ш.Душанбе, e-mail: dzhuraevsh@mail.ru

Ҷаборов Манучехр Камолович – саромӯзгори кафедраи “Нерӯгоҳҳои барқӣ“– и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, e-mail: manuchehrjkm@mail.ru

Амирханов Алишер Сайвалиевич – саромӯзгори кафедраи “Нерӯгоҳҳои барқӣ“-и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, тел.: +992 (98) 584-55-05

РАЗРАБОТКА СИСТЕМЫ УПРАВЛЕНИЯ ЭЛЕКТРОПРИВОДОМ МЕХАНИЗМА ПОДАЧИ МЕТАЛЛОРЕЖУЩЕГО СТАНКА

Носиров И.С., Махсумов И.Б., Гулов Д.Ю. Кахоров Р.А.
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

В данной статье рассмотрена система управления электроприводом механизма подачи металлорежущего станка с упругой связью и вязким трением. В настоящей работе исследуются возможности применения нейросетевого регулятора с прогнозированием в сравнении с традиционным ПИ-регулятором. Приводятся структурные схемы систем управления электроприводом, реализованные в среде Simulink Matlab. Показано, что применение прогнозирующего нейросетевого управления позволяет улучшить качество показателей системы.

Ключевые слова: механизм подачи металлорежущего станка, двухмассовая электромеханическая система, ПИ-регулятор, нейросетевое прогнозирующее контроллер.

КОРКАРДИ СИСТЕМАИ ИДОРАНАМОИИ ҲАРАКАТОВАРИ МЕХАНИЗМИ ДИҲИШИИ ДАСТГОҲИ ОҲАНТАРОШӢ

Носиров И.С., Махсумов И.Б., Гулов Д.Ю., Қаҳоров Р.А.
Институти энергетикии Тоҷикистон

Дар ин мақола системаи идоракунии ҳаракатовари механизми диҳиши датгоҳи оҳантарошӣ бо алоқаи чандирӣ ва соишии часпак дида баромада шудааст. Кори илмии мазкур имкониятҳои истифодаи контролерӣ пешгӯии шабакаи нейрониро дар муқоиса ба танзимкунандаҳои анъанавӣ меомӯзад. Диаграммаҳои блоки системаи идоракунии ҳаракатовари барқӣ дар муҳити барномаи Simulink Matlab амалӣ карда шудаанд. Дар ин мақолаи илмӣ исбот карда шудааст, ки истифодаи контролери нейронӣ метавонад сифати системаи идоракунии ҳаракатовари механизми диҳиши датгоҳи оҳантароширо беҳтар гардонад.

Калидвожаҳо: *механизми диҳишии дастгоҳи оҳантарошӣ, системаи электромеханикии дорои ду масса, ПИ-танзимгар, контролерӣ пешгуикунандаи неронӣ.*

Введение. Постановки проблемы. Одной из наиболее распространённых задач в машиностроении является повышение качества и точности обработки деталей металлорежущими станками. Процесс обработки деталей на металлорежущих станках непосредственно связан с его динамическими характеристиками, точностью и производительностью. На вышеперечисленные характеристики оказывают влияние различные возмущающие воздействия, например нелинейности в кинематических передачах, упругие деформации, возникающие в зоне резания, температура резания и т.п. В современных станках с числовым программным управлениям (ЧПУ) приводы подачи линейных движений формообразующих узлов на базе шариковых винтовых передач (ШВП) играют важнейшую роль. Они в большинстве случаев определяют размерную, а в

отдельных случаях и геометрическую точности. Основным назначением привода подачи является перемещение рабочих частей станка по осям станка с заданной траекторией.

При обработке деталей со сложно-профильной поверхностью с высокой точностью при одновременной работе двух и более приводов подачи, все они должны обладать не только высокими, но и одинаковыми динамическими характеристиками. В процессе механической обработки все элементы металлорежущих станков подвергаются воздействию сил резания, упругим колебаниям, а также деформациям обрабатываемой поверхности детали, что приводит к колебаниям элементов станка. Наибольший вклад в колебания элементов станка вносят упругие колебания в приводе подачи, что связано с его большой податливостью. Упругие колебания отрицательно влияют на работу приводов подачи, вызывая увеличение динамических нагрузок на элементы, снижение быстродействия и точности при отработке программных траекторий, появлению незатухающих вибраций, опасных резонансных явлений и т.п.

Таким образом, для достижения требуемого качества обработки с точки зрения кинематики приводов подачи требуется решение задачи компенсации упругих колебаний в приводах подачи, возникающих под воздействием силы резания, за счет улучшения динамических характеристик.

Целью данной работы: является исследование и разработка путей повышения точности обработки деталей при их изготовлении на металлорежущих станках с ЧПУ, за счет уменьшения погрешностей, вызываемых упругими связями.

Математическое описание двухмассовой электромеханической системы. Упрощённая расчетная двухмассовя электромеханическая система взаимосвязанных электроприводов подачи токарного станка с упругими связями показаны на рисунке 1.1.




Рис.1.1. Расчетная схема замещения механизма

Здесь в качестве первой массы J_1 принимается момент инерции асинхронного электропривода, вторая масса J_2 учитывает момент инерции ходового винта и стола с заготовкой электропривода подачи токарного станка. Одним из основных универсальных уравнений, позволяющих получить математическую модель, определяющую динамические характеристики механической подсистемы, является уравнение Лагранжа второго рода [2, 3].

На основе уравнения Лагранжа второго рода для механизма падачи взаимосвязанных электропривода подачи и суппорта токарного станка, которые показаны рисунке 1.1 и при выборе в качестве обобщенных координат:

$$q_1=\varphi_1; \qquad \dot{q}_1=\omega_1; \qquad Q_1=M_1 \tag{1.1}$$

$$q_2=\varphi_2; \qquad \dot{q}_2=\omega_2; \qquad Q_2=-M_2 \tag{1.2}$$

В результате получаем математическую модель эквивалентной двухмассовой системы привода подачи:

$$\begin{cases} \dot{\omega}_1 = J_1^{-1}\left[M_д - M_{12} - M_{c1}\right]; \\ \dot{\omega}_2 = J_2^{-1}\left[M_{12} - M_{c2}\right]; \\ \dot{M}_{12} = c_{12}(\varphi_1 - \varphi_2) + b_{12}\left(\omega_1 - \omega_2\right) \end{cases} \quad (1.3)$$

где φ_1 – угол поворота первой массы; φ_2 – угол поворота второй массы; c_{12} и b_{12} – эквивалентные коэффициенты жёсткости и вязкого трения упругого звена; M_{12} – упругий момент; M_{c1} – момент сопротивления на валу первой массы; M_{c2} – момент сопротивления на валу второй массы; ω_1, ω_2 – угловые скорости первой и второй массы электропривода подачи; $M_д$ – электромагнитный момент двигателя; $M_{наг}$ – момент нагрузки, включающий в себя момент нагрузки на валу и момент потерь вращения двигателя.

Принцип управления с предсказанием. Управление с предсказанием использует принцип меняющегося горизонта, когда нейросетевая модель управляемого процесса предсказывает реакцию объекта управления на определенном интервале времени в будущем. Предсказания используются программой численной оптимизации для того, чтобы вычислить управляющий сигнал, который минимизирует следующий критерий качества управления:

$$J = \sum_{j=N_1}^{N_2}\left[y_r(t+j) - y_m(t+j)\right]^2 - \rho\sum_{j=1}^{N_u}\left[u'(t+j-1) - u'(t+j-2)\right]^2, \quad (1.4)$$

где N_1 – нижний предел предсказания; N_2 – верхний предел предсказания; N_u – диапазон управления; y_r – прогнозируемый результат от нейронной сети; y_m – истинная реакция модели управляемого процесса; u' – управляемый вход; ρ – весовой множитель. Это функционал качество не только минимизирует среднеквадратичную ошибку между эталонным сигналом, но и также взвешенную среднеквадратичную скорость управляющего сигнала. Управляющий входной сигнал генерируется, если функционал качества минимизирован. Структурная схема управления с предсказанием представлена на рисунке 1.2.

Нейроконтроллер с предсказанием состоит из следующих элементов: управляемого объекта, моделирующий объект нейронной сети и блока оптимизации. Функционал качества позволяет объекту наблюдать заданную траекторию в пределах некоторой точности и имеет следующие четыре настраиваемых параметров: N_1, N_2, N_u, и λ. Значения N_u является пределом диапазона управления. Единственным ограничением для значения N_1 и N_u является то, что эти пределы должны быть меньше или равным N_2. Весовой множитель ρ введен для балансирования между первым и вторым суммированием.




Рис.1.2. Структурная схема нейроуправления с предсказанием

Точность предсказания тесно связана с качеством модели объекта. Существует довольно много методов для моделирования линейного объекта, а если объект нелинейный, то задача будет более сложной. В настоящее время существует два метода для моделирования нелинейных объектов. Один из них заключается в линеаризации объекта на множество рабочих точек. Второй метод заключается в разработке нелинейной модели, которая зависит от предположений о динамике объекта. Если эти допущения неверны, то точность уменьшается. Таким образом, модели с использованием нейронной сети способны управлять с нелинейными динамическими объектами.

Моделирования нейроконтроллера с предсказанием. Рассмотрим применение нейроконтроллер с предсказанием в следящей системе управления с подчиненным регулированием электропривода подачи с упругими связями. Нейроконтроллер с предсказанием работает по описанному выше алгоритму. В [1, 4] приведены этапы синтеза нейроконтроллера с предсказанием для управления нелинейными объектами. В качестве примера выполним моделирования нейроконтроллера с предсказанием для прогнозирования скоростью линейного перемещения электропривода подачи токарного станка. Кинематика приводов подачи металлорежущих станков имеет сложные конструкции и содержит упругие элементы. Наличие упругих элементов усложняет расчетную механическую систему, превращая её в многомассовую. Структурная схема нейроуправления, разработанная в среде Matlab Simulink показана на рисунке 1.3.




Рис.1.3. Схема моделирования следящей системы управления с подчиненным регулированием электропривода подачи с нейроконтроллером

Рассмотрим несколько вариантов синтеза нейроконтроллера с предсказанием для установления его оптимальных параметров. Прежде чем установить параметры нейроконтроллера с предсказанием, необходимо построить модель управляемого объекта. Для выполнение данной процедуры следует идентифицировать управляемый объект, т.е. построить его нейросетевую модель, задавая следующие основные параметры контроллера: размер скрытого слоя определяется количеством используемых нейронов N_n , тактика дискретности в секундах определяет интервал между двумя последовательностями момента съёма данных Δt и длиной обучающей виборки N_B. После этого устанавливаются следующие параметры блока оптимизации: верхний предел суммирования в показатели качество N_2, верхний предел суммирования при оценке мощности управления N_u, коэффициент веса для составляющей мощности управления ρ и параметр одномерного поиска α. Выбрана процедура csrchbac. В результате


многократных исследований было доказано, что величины N_u, ρ и α не значительно влияют на результаты синтеза нейроконтроллера, а величина верхнего предела суммирования N_2 оказывает существенное влияние на работу нейроконтроллера с предсказанием. А также, число итераций на 1 такт дискретности, который в данной работе принят $\gamma = 2$, не очень влияет на работу контроллера. Для данной решаемой задачи оптимальные значения находятся в пределах $N_2 = 4...12$.


Как показали исследования, идентификация объекта управления зависит от выбора количества нейронов скрытого слоя N_n и архитектуры нейронной сети. Выбор каличества нейронов зависти от сложности динамики объекта управления, т.е. если выбрать каличество нейронов больше ожедаемого, то наблюдается явление переобучения и процесс обучения может занимать длительное время, а при малом каличестве нейронов, сеть не может выполнить поставленную задачу. Было установлено, что для решения данной задачи каличество нейроннов находится в пределах $N_n = 10...12$. В нейроконтроллер существует несколоко видов функции обучения. В данной работе рассматривается, несколько вариантов для обучения нейроконтроллера. В результате проведенных исследований были установлены оптимальные параметры нейроконтроллера, которые приведенные в таблице 1.1.

На рисунке 1.4, представлены переходные процессы по скорости линейного перемещения $S, м/с$ суппорта токарного станка, которые соответствуют вариантам *а-г* таблица1. Исследование показало, что для обеспечения хороших динамических характеристик и повышения точности перемещения суппорта с заданной траекторией можно использовать НС в качестве регулятора положения в следящем электроприводе подачи токарного станка. Как видно из приведенные переходных процессов по скорости линейного перемещения суппорта, вариант рисунок 1.4, *г* имеет высокую динамическую характеристи.

Таблица 1.1

Параметры нейроконтроллера	Обоз.	Варианты			
		а	*б*	*в*	*г*
Size of Hidden Layer	N_n	3	5	6	8
Sampling Interval	Δt	0,15	0,3	0,2	0,4
No. Delayed Plant Inputs	N_i	2	2	2	2
No. Delayed Plant Outputs	N_j	2	2	2	2
Training samples	N_B	700	800	1000	1200








Рис. 1.4. Переходные процессы по скорости линейного перемещения суппорта токарного станка

Выводы

Рассмотрен принцип построения нейроконтроллера, реализованного в пакете прикладных программ Neural Network Toolbox.

Выполнен синтез нейроконтроллера, для стабилизации скорости линейного перемещения суппорта и компенсации колебаний, возникающих в упругих элементах приводов подачи токарных станков.

Результаты проведенных исследований показали, что при обучении нейроконтроллера, алгоритм Левенберга–Марквардта обладает хорошими фильтрующими и сглаживающими свойствами по сравнению с другими алгоритмами и является самым эффективным и быстродействующим.

Путём варьирования параметров нейроконтроллера, было установлено, какие параметры, существенно влияют на качество регулирования. Этими параметрами являются: N_B – длины обучающий выборки; N_n – количества нейронов в слоях; N_1 – нижний предел предсказания; N_2 – верхний предел предсказания; Δt – тактика дискретности.

Литература

1. Бураков, М. В. Нейронные сети и нейроконтроллеры: учеб. пособие/ М. В. Бураков. – СПб.: ГУАП, 2013. – 284 с.

2. Белов М.П., Новиков А.Д., Рассудов Л.Н. Автоматизированный электропривод типовых производственных механизмов и технологических комплексов. Учебник для вузов –М: Издательский центр «Академия», 2004. – 576 с.

3. Новиков В.А., Савва С.В., Татаринцев Н.И. Электропривод в современных технологиях. Под ред. В.А. Новикова. Учебник для студентов вузов – М: Издательский центр «Академия», 2014. – 400 с.

4. Медведев В.С., Потемкин В.Г. Нейронные сети. MATLAB 6/ Под общ. ред. к.т.н. В.Г. Потемкина. – М.: ДИАЛОГ-МИФИ, 2002. - 496 с.

5. Сигеру Омату, Марзуки Халид, Рубия Юсоф Книга 2. Нейроуправление и его приложения Пер с англ Н В Батина. Под ред А. И. Галушкина. В А Птичкина – М ИПРЖР, 2000 – 271с.

Сведение об авторах:

Носиров Исмоил Сафарович – кандидат технических наук, заведующий кафедрой «Релейная защита и автоматика» Института энергетики Таджикистана, E-mail: nosirov6@mail.ru

Махсумов Илҳом Бурҳонович – кандидат технических наук, старший преподаватель кафедрой «Релейная защита и автоматика» Института энергетики Таджикистана E-mail: messi.ilhom@gmail.ru

Гулов Диловар Юсуфович – кандидат технических наук, старший преподаватель кафедрой «Релейная защита и автоматика» Института энергетики Таджикистана E-mail: gdy_02@mail.ru

Кахоров Рустам Асалиевич – кандидат технических наук, старший преподаватель кафедрой «Автоматизированны электроприводы» Института энергетики Таджикистана E-mail: rustam-kahorov-2226@mail.ru

СОХТАНИ БАРНОМАИ ИФОДАҲОИ МАТЕМАТИКӢ ДАР VISUAL BASIC

[1]Гулманов У.Р., [1]Мирзоев А.М., [2]Қурбонов Н.Я.
[1]Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон
[2]Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав

Дар мақолаи мазкур сохтани барномаи ифодаҳои математикӣ дар Visual Basic пешниҳод карда мешавад.

Барои сохтани барнома дар забони барномарезии Visual basic мо бояд бо марҳалаҳои асосие, ки дар раванди барномарезӣ заруранд шинос бошем.

Марҳалаҳои асосии барномарезӣ дар Visual basic инҳоянд.

- сохтани намуди зоҳирии барнома
- муайянкунии хосиятҳои ҷузъҳои барнома
- тартибдиҳии рамзи барномавӣ
- бакорандозии барнома

Вожаҳои калидӣ: барномасозӣ, забони Visual Basic, хосиятҳои ҷузъҳои барнома, объект, ҷузъ,рамзи барномавӣ,объект,интерфейс

ПОСТРОЕНИЕ ПРОГРАММЫ МАТЕМАТИЧЕСКОГО ВЫРАЖЕНИЯ В VISUAL BASIC

[1]Гулманов У.Р., [1]Мирзоев А.М., [2]Қурбонов Н.Я.
[1]Институт энергетики Таджикистана
[2]Бахтарский государственный университет имени Носира Хусрава

В данной статье представлено построение программы для математических выражений языка на языке Visual Basic.Чтобы построить программу на языке программирования Visual Basic, нам необходимо ознакомиться с основными шагами, которые требуются в процессе программирования.

Основные этапы программирования в Visual Basic следующие.

- создать внешний вид программы
- определить свойства компонентов программы
- разработка программного кода
- запуск программы

Ключевые слова: программирование, язык Visual Basic, свойства компонентов программы, объект, компонент, программный код, объект, интерфейс.


Барои сохтани барнома дар забони барномарезии Visual basic мо бояд бо марҳалаҳои асосие, ки дар раванди барномарезӣ заруранд шинос бошем.

Марҳалаҳои асосии барномарезӣ дар Visual basic инҳоянд.

- сохтани намуди зоҳирии барнома
- муайянкунии хосиятҳои ҷузъҳои барнома
- тартибдиҳии рамзи барномавӣ
- бакорандозии барнома

Асоси интерфейси ҳар гуна барномаро шакл ташкил медиҳад, ки дар он ҳамаи объектҳои истифодашаванда ба қайд гирифта мешавад. [1].

Мисол: Барномае месозем, ки он қимати ифодаи $(4a^2+b+c)$- ро ҳангоми a=3, b =6, c=-1 будан ҳисоб кунад. Барои сохтани ин барнома аввал формаро фаъол мекунем, ки он дар расми 1 нишон дода шудааст.



Расми 1. Фаъол намудани форма дар барнома


Дар сохтан ва амалӣ намудани барномаи мазкур аз ҷузъҳои идоракунандаи CommandButton, Label, TextbBox истифода мебарем. [2, 4, 5]

Объект ё ҷузъро дар шакл бо ду тарз ҷойгир кардан мумкин аст:

Тарзи якум аз ичрои пай дар пайии амалҳои зерин иборат аст. Аз қутии афзор интихоб намудани тугмаҳои зарурӣ. Мушнаморо ба болои онҳо гузошта тугмаи чапро пахш намуда, сар надода то ҷои зарурӣ овардан.

Тарзи дуюми ҷойгиркунии объект аз он иборат аст, ки мушнаморо дар қуттии афзор ба болои нишона гузашта тугмаи чапро ду маротиба пахш кардан лозим аст.


Ҳамин тариқ интерфейси барнома бо яке аз тарзҳои зерин сохташуда дар расми 2 оварда шудааст.



Расми 2. Интерфейси барномаи сохташудаистода.


Дар марҳалаи дуюм мо хосиятҳои ҷузъҳои барномаро муайян менамоем. Хосиятҳои ҷузъҳои барнома бо ёрии равзанаи хосиятҳо муайян карда мешавад, баъд аз муайян намудани хосиятҳои ҷузъҳои барнома марҳалаи дуюм низ амалӣ мешавад. [3,7].

Натиҷаи марҳалаи дуюм дар расми 3 нишон дода шудааст.




Расми 3. Истифодабарии ҷузъҳои барнома

Дар марҳалаи сеюм рамзи барномавии барномаро тартиб медиҳем, ки натиҷаи он дар расми 4 нишон дода шудааст.Барои рамзи барномавиронавиштан нишондиҳандаи мушро ба болои тугмаи зарурӣ гузошта тугмаи чапи мушро ду маротиба пахш мекунем.



Расми 4. Равзанаи рамзи барномавӣ

Баъд аз тартиб додани рамзи барномавии барнома барои ба кордарории барнома аз сафҳакалид тугмаи F5-ро пахш мекунем, ки равзанаи он дар экран пайдо мешавад. Баъд дар майдонҳо қиматҳои a, b, c-ро дохил мекунем.



Расми 5. Натиҷаи кори барнома

Дар равзана ҳамаи амалҳои дохилкардашуда пурра иҷро шудааст, нишон дода мешавад.

Кори барномаи иҷрошуда дар майдони натиҷа пайдо мешавад.

Аз мисоли овардашуда маълум мешавад, ки ифодаҳои арифметикӣ, матнӣ (сатрӣ, литерӣ) ва мантиқӣ дар VISUAL BASIC иҷро карда мешавад.

Хулоса: Дар мақола ба сифати мисол ҳалли ифодаи математикӣ дар забони барномасозии VISUAL BASIC пешниҳод шудааст. Дар фанҳои гуногун мо метавонем барои ҳалли масъалаҳо аз ин забон истифода барем.

Адабиёт

1. Абдураҳимов А.О. Маҷмӯаи масъалаҳои барномасозӣ ва ҳалли онҳо дар забони C++ ва Паскал. (Васоити методӣ) [Текст]/ А.О. Абдураҳимов, Р.Қ. Халилов. – Бохтар, 2012.-135С.

2. Арабов М.Қ. Асосҳои барномасозӣ дар забони C++ [Текст]/ М.Қ. Арабов.- Душанбе: ДСРТ, 2018.-421С.

3. Комилов Ф.С., Исматов Н.М. Супоришҳои лабораторӣ доир ба ихтисос: барнома ва нишондодҳои методӣ барои донишҷӯёни ихтисоси Информатикаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ. – Душанбе, ДМТ, 2013 – 64 с

4. Комилов Ф.С., Раҳмонов З.Ф. Компютер ва иттилоот. – Душанбе, Маориф, 2015. – 208 с.

5. Арабов М.Қ. Асосҳои барномасозӣ дар забони PascalABC.NET (Китоби дарсӣ) [Текст]/ М.Қ. Арабов. - Душанбе: ДСРТ, 2017.-302С.

6. Арабов М.Қ. Маҷмӯи мисол ва масъалаҳо аз барномасозӣ [Текст]/ М.Қ. Арабов, М.Ш. Халилова. - Душанбе: ДСРТ, 2018.-138С.

7. Арабов М.К., Замонов Б.М. Пактикум по программиронавию [Текст]/М.К. Арабов, Б.М. Замонов - Душанбе: РТСУ, 2019.-369С.

8. Гулова М.Т. Маҷмӯаи супоришҳои озмоишӣ аз фанни барномасозӣ [Текст]/М.Т. Гулова. – Душанбе: Ирфон – 2015.-95С.

9. Комилов Ф.С., Тоиров Ш.М. Информатика. – Душанбе, «ЭР-граф», 2002. – 171с.

10. Комилиён Ф.С. «Информатика». Китоби дарсӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ. [Текст]/ Ф.С. Комилиён – Душанбе, 2019. Қисми 1-406С. Қисми 2 – 462С.

Маълумот дар бораи муаллифон:

Гулманов Усман Рустамович - номзади илмҳои педагогӣ,мудири кафедраи фанҳои "Табиатшиносӣ,дақиқ ва риёзӣ,Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон тел:+992931027897

Мирзоев Абдуқаҳҳор Мирзомуродович - ассистенти кафедраи фанҳои «Табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ», Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон email: m.Abduqahor.1980@gmail.com

Қурбонов Нурали Якубович- Магистри донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Ktsu78@mail/ru

РИОЯИ ТЕХНИКАИ БЕХАТАРӢ ДАР ИСТЕҲСОЛОТИ ЭНЕРГЕТИКӢ-КАФОЛАТИ ҲАЁТИ СОЛИМИ МУҲАНДИСОН

Ризоев С.Н., Раупов Н.М., Ҷалилов Р.У., Куватов М.А.
Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон

Дар ин мақола риояи техникаи бехатарӣ дар истеҳсолоти энергетикӣ ва кафолати ҳаёти солими муҳандисон дида баромада шуда, аз тарафи муаллифон барои бартараф намудани ин камбудиҳо як қатор пешниҳодҳо карда шудааст. Муаллифон бар он ақидаанд, ки дар раванди истеҳсолоти энергетикӣ то ҳол аз тарафи мутахассисон хатогиҳое сар мезанад, ки боиси марги одамон мегарданд.

Калидвожаҳо: бехатарӣ, энергетика, истеҳсолот, нерӯи барқ, меҳнат, муҳандис, шиддат, ҷараён, хатҳои интиқоли нерӯи барқ.

СОБЛЮДЕНИЯ ПРОВИЛ ТЕХНИКИ БЕЗОПАСТНОСТИ В ЭНЕРГЕТИЧЕСКОЙ ПРОИЗВОДСТВЕ ГАРАНТИЯ ЗДОРОВЬЯ И ЖИЗНИ ИНЖЕНЕРОВ

Ризоев С.Н., Раупов Н.М.,Ҷалилов Р.У.,Куватов М.А.
Институт энергетики Таджикистана

В данной статей рассмотрены вопросы соблюдения техники безопасности в энергетическом производстве, гарантии здоровья инженеров. Со стороны авторов выдвинуты ряд предложений по устранению этих трудностей. Авторы придерживаются мнения о том, что в процессе производства энергетики со стороны специалистов отрасли допускаются такие ошибки.

Ключевые слова:*: *безопасность, энергетика, производство, мощность, труд, инженер, напряжение, линии электропередачи.

Мувофиқи банди 8-уми «Қонун дар бораи муҳофизати меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таъминоти муҳофизати меҳнат ва солимии кормандон вазифаи ҳар як роҳбар буда, бар души онҳо вогузор шудааст. [1].

Инчунин бояд хотирасон карда шавад, ки мувофиқи банди 26 –уми ҳамин Қонун роҳбарон ва дигар кормандоне, ки барои вайрон намудани қоидаҳои муҳофизати меҳнат айбдор мебошанд, ба ҷавобгарии маъмурӣ, интизомӣ моддӣ ва ҷаъмиятӣ кашида мешаванд.

Қайд кардан лозим аст, ки бехатарии энергетикӣ яке аз қисматҳои таркибии бехатарии умумӣ мебошад, чунки нерӯ яке аз шартҳои асосии ҳаёти инсон ва мавҷудоти ҷамъият аст. Аз ҳамин лиҳоз, барои тақвият бахшидан ба ҳолати муҳофизати меҳнат ва баланд бардоштани интизоми риояи қоидаҳои бехатарӣ, интизоми истеҳсолӣ ва меҳнатӣ, инчунин истифодаи маҷмуи чораю тадбирҳои ташкилию техникӣ , воситаҳо барои ҳифзи коргарон андешида шуда истодаанд. [3].

Ба ин нигоҳ накарда осебҳои электрӣ дар истеҳсолот яке аз ҷойҳои аввалро ишғол менамояд. Бунёди хатарнокии электриро дар истеҳсолот мумкин аст тақсим кардан ба якчанд бандҳо:

---Хатарнокии ҷараёни электриро ҳамчун воқеияти физикавӣ ҳангоми гузариши он ба организми инсон фаҳмидан мумкин аст.

--- Дараҷаи бунёдёбии биноҳои истеҳсолӣ ва категорияҳои онҳо.

--- Хатарнокии таҷҳизотҳои электрӣ ҳамчун қабулкунакҳои ҷараёни электрӣ.

--- Хатари электрӣ аз нуқтаҳои назари нигоҳ надоштани ё ин, ки ба назар нагирифтани қоидаҳои истифодабарии техникӣ, қоидаҳои бехатарии оташнишонӣ, қоидаҳои амнияти бехатарии техникӣ, қоидаҳои сохти дастгоҳҳои электрӣ, инчунин дастуру нишондодҳо.

Ҳоло ҳам дар истеҳсолот руйдодҳои дағалона вайрон кардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ ба назар мерасад, ки аз инҳо иборат мебошад:

1) Нагузоштани монеаҳо (барьерҳо - наздикшавӣ ба қисмҳои ҷараёнгузар) ва худсарона тақсими заминҳои дар арзи сарҳадотӣ ва муҳофизатии хатҳои интиқоли баркӣ вуҷуддошта, риоя накардани қоидаҳои техникаи бехатарӣ барои бунёди маконҳои зисту истеҳсолӣ, бунёди боғу обчакориҳо.

2) Риоя накардани андозаҳо дар хатҳои интиқоли барқи шиддатҳои паст ва баланд. Дар ин ҳолат андоза то ба замин, масофаи байни фазаҳо, истифодаи ноқилҳои бӯриши кӯндалангияшон гуногун, ба замин пайваст набудани дарғотҳои оҳанин, истифодаи оиқҳои бо шидатҳои кории номувофиқ, симчӯбҳои бо баландияш ҷавобгӯ бо шиддат набуда, нагузоштани варақаҳои бехатарӣ ва тартиботи рақамгузорӣ, соли бунёд, аломату ишоратҳо дар ҷойҳои бӯриши хатҳои интиқоли барқи шиддатҳои пасту баланд ва параллелӣ гузаштани хатҳои интиқоли барқи 110 кВ , истифодаи симчӯбҳои бо талабот ҷавобгӯ набуда, истифодаи ноқилҳои намуди ПСО (ноқилҳои пулодии яктора), нагузоштани арзи сарҳадотӣ дар атрофи симчӯбҳо барои хизматрасонӣ, худсарона истифода бурдани хоки бехи симчӯбҳо бо мақсадҳои гуногун, аҳамият надодан ба зада шикастани оиқҳо аз тарафи кӯдакон ва наврасон, истифодаи ноқилҳои буришашон калон ва вазнин дар симчӯбҳо ва нагузоштани фосилҳои лозима (ҳоло барои ХИБ 0.4-6-10кВ 50м) . [4].

3) Саривақ мувофиқ бо нақшаи истеҳсолӣ нагузаронидани таъмирҳои асосиву ҷорӣ, инчунин аз назаргузаронии хати интиқоли барқ (ХИБ).

4) Таъмин накардани коргарон ба воситаҳои ҳимоявӣ ва асбобу анҷомҳо инчунин таъмин накардан бо техникаю нақлиёти хизматрасонӣ (заминваслаҳои сайёр, набудани дастпӯшакҳои диэлектрикӣ, хизматрасонӣ бо велосипедҳо дар фасли зимистон) ҳангоми сар задани ягон ҳодисаи нохуш сари вақт расонидан ба беморхона коргари хизматрасонро.

5) Нодуруст пур кардани шиносномаҳои зеристгоҳҳо, хатҳои интиқоли барқии 0.4-6.10кВ инчунин хатҳои интиқоли кабелӣ (оиди таъмирҳои ҷорӣ ва асосӣ) ва насанҷидани заминпайвандҳои такрории ҳимоявӣ сари вақт аз тарафи кормандони масъул ва додани санадҳо ва протоколҳо оиди истифодабарӣ.

6) Баромади ХИБ аз олотҳои тақсимшаванда бо ХИК бароварда намешавад, лекин дар аксарияти зеристгоҳхо бо хатҳои интиқоли барқии ҳавоӣ бароварда шудааст, ин ба ҳолатҳои садамавӣ оварда мерасонад.
7) Аҳамият надодан ба ҳолатҳои ҷойгирнамоии зеристгоҳҳо, бунгоҳҳои трансформаторҳои корӣ, симчубу сутунҳо ва пояҳо (ҳангоми боришоти зиёд хоки бехи симчубҳо шуста бурда шуда, бо сабаби набудани обпартоҳо дар атрофи зеристгоҳҳо, ки оби бисёр ба зери чашмакҳо ва олотҳои тақсимкунанда медарояд ва хизматрасонӣ мушкил мегардад) .
8) Солҳои охир тавоноии трансформаторҳо бо сабабҳои пурбор гаштанашон (худсарона пайваст намудани борҳо) бо тавоноии калонтар иваз карда шуда, аммо ноқилҳо бошанд бо ҳамон буришу андозаашон мондаанд, дар натиҷаи пурборӣ ноқилҳо гарм шуда ба расиши кӯтоҳ оварда мерасанд.
9) Аҳамият додан ҳангоми боришоти зиёд, яхбандӣ, раъду барқ ба воситаҳои ҳимоявӣ ва истифодаи онҳо дар дастгоҳҳои баркӣ.
10) Тайёр кардани мутахассисон оиди маиши корҳои махсус ба монанди кавшергарӣ, насбнамоии кабелҳо, кор дар баландии аз 5 метр баланд, корҳои борбардорӣ ва ғайра.
11) Ҳангоми буридани ноқилҳо дар баландӣ, иваз намудани оиқҳо ва истифодаи ғарғараҳо аҳамият додан лозим аст ба асбобҳо ва анҷомҳои корӣ.
12) Ҳангоми кор дар зеристгоҳҳои шакли махкама набудани ду дарвозаи корӣ яъне даромаду баромад барои оне, ки ҳангоми ҳодисаҳои нохуш ҷои баромад бошад.
13) Барои ба кор дохил шудани корманд бояд, ки мувофиқи қоида вай аз муоина ва ташхиси тиббӣ гузарад ва оиди тандуруст буданаш хулоса пешниҳод кунад. Дар ҳақиқат ин муоинаҳои тиббӣ аксариаташон қалбакӣ буда, ба талабот ҷавобгӯ намебошанд. Мувофиқи қоида коргари техникӣ бояд, ки забонаш лакнат надошта бошад, ношунаво набошад, мардумаки чашмаш дар як хати рост дуруст бошанд, биноиши хуб дошта бошад, бемории инфексионӣ яъне гузаранда надошта бошад, тандурусту солим бошад. Ҳоло бошад коргароне ба кор қабул карда мешаванд, ки ба ин қоидаҳо ҷавобгӯ нестанд ва аз ҳамин лиҳоз осебҳои электрӣ дар истеҳсолот зиёд ба амал меоянд.
14) Аксарияти таҷҳизот ва воситаҳо, аз он ҷумла олотҳои бастукушоӣ рост (шунт) пайванд карда шудаанд, дар ҷудокунакҳои шидати паст ва баланд ва барои таъмир маҷбур ҳастем, ки тамоми хати интиқоли баркиро хомӯш намоем, ки ба набудани барқ оварда мерасонад.
15) Бисёри трансформаторҳо баъд аз таъмири асосӣ баровардан ба як ҳолати корӣ гузошта мешаванд яъне, ки имконияти танзимкунонии шиддат риоя карда намешавад, ки ба нобаробарии тақсимоти борҳои электрӣ ва гармшавии ноқилҳо ва расиши кӯтоҳи байни печаҳо оварда мерасонад.
16) Аксарияти трансформаторҳо дар шакли кушода дар ҳавои кушод ҷойгир мебошанд, ки дар натиҷаи боришоти зиёд дохилшавии об ва намнокӣ аз эҳтимол дур нест ва ин ҳолат ба паст шудани оиққорӣ ва вайроншавии реҷаи кории трансформаторҳо оварда мерасонад.

Баъди таҳлили ҳодисаҳои нохуш дар истеҳсолот барои бартараф ва такрори дигар ҳодисаҳои ба ин монанд чораҷӯиҳо тартиб дода мешаванду нисбати шахсони масул, аз роҳбари корхона то дигар аъзои даста ҷазоҳо таъин карда мешаванд. Нисбати ҷабрдидагон имтиёзҳои лозима амалӣ карда мешавад. [2]. Ҳоло қариб ҳамаи корхонаҳои дохилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тавозуни давлатанд ва риояи корҳои бехатарӣ бисёр хуб ба роҳ монда шудаанд.

Хулоса : Барои бартараф намудани ин масаълаҳои ҳаётан муҳим дар истеҳсолот бояд як қатор чорабиниҳо оиди бехатарии фаъоляти инсон дар дилхоҳ минтақаи корӣ ё садамавӣ гузаронида шавад ва камбудиҳои дар боло зикргардида дар раванди истеҳсолот, бартараф карда шавад.

Адабиёт

1. Дастурамалҳои кории истеҳсолӣ, нишондодҳо ва шарҳи ҳодисаҳои нохӯш дар истеҳсолот.
2.Основы техники безапасности в элетроустановках, П.А.Долин, Москва, «Энергоатомиздат», 1984
3. Таҷрибаҳои таи сӣ соли охири кории муҳандисон ва кормандон.
4. Электротехника и Электроника. В.В.Кононенко, Ростов- на Дону, «Феникс», 2010

Маълумот дар бораи муаллифон:

Ризоев Суҳайлӣ Нодирович - ассистенти кафедраи «Манбаъҳои ғайрианъанавии энергия ва энергетикаи ҳароратӣ» -и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, тел: +992501605355

Раупов Насимҷон Маҳмадшарипович - саромӯзгори кафедраи «Манбаъҳои ғайрианъанавии энергия ва энергетикаи ҳароратӣ» - и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, тел: +992000200171, E- e- raupov.nasim@bk.ru

Ҷалилов Раҳмонали Убайдович - ассистенти кафедраи «Манбаъҳои ғайрианъанавии энергия ва энергетикаи ҳароратӣ» - и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, тел: +992938069606

Қувватов Мирали Абдуқодирович - сромӯзгори кафедраи «Манбаъҳои ғайрианъанавии энергия ва энергетикаи ҳароратӣ» - и Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон, тел: +992917931991

МУАЙНСОЗИИ ТАҒЙИРОТИ НИШОНДОДҲОИ ЭНЕРГЕТИКӢ ВА ИҚТИСОДИИ НОБ ДАР ДАРЁҲОИ ҲАҶМИ КАЛОНИ ОБРАВДОШТА ДАР ДАВРАИ ЛОИҲАКАШӢ

